# Тақризи

**Роҳбари илмӣ ба кори диссертатсионии унвонҷӯи кафедраи дерматовенерологияи МДТ «Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино» Гадоев Маъруф Аҳмадович дар мавзӯи «Хусусиятҳои клиникӣ-лабораторӣ ва такмили муолиҷаи беморони гирифтори СБРАҶГ дар якҷоягӣ бо сили шуш», ки барои дарёфти унвони илмии номзади илмҳои тиб аз рӯи ихтисоси 14.01.10 – бемориҳои пӯсту зуҳравӣ пешниҳод гардидааст.**

Гадоев Маъруф Аҳмадович, соли таваллудаш 1971, баъди хатми мактаби миёна 2 сол адои хизмати харбиро иҷро кардааст. Соли 1992 ба факултаи «Педиатри»-и МДТ «Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино» дохил шуда, соли 1998 онро бо ихтисоси «Педиатр» хатм намудааст. Аз соли 1998 то соли 1999 интернатураи клиникиро дар кафедраи дерматовенерологияи МДТ «Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино» гузаштааст.

Соли 1999 ба ҳайси омузгори фанни «бемориҳои пӯст ва зӯҳравӣ» ба коллеҷи тиббии ҷумҳурияви ба кор даромада, ҳамзамон ҳамчун духтури бемориҳои пуст ва узвҳои таносул дар «Маркази ҷумҳуриявии клиникии бемориҳои пуст ва узвҳои таносул» ба ҳайси ҳамкор ба кор даромадааст. Аз соли 2004 то 2007 дар вазифаи мудири шуъбаи пӯст «Маркази ҷумҳуриявии клиникии бемориҳои пуст ва узвҳои таносул» кор кардааст. Аз соли 2011 то 2015 ба ҳайси декани факултаи «Кори дандонсозӣ» ва аз соли 2015 то соли 2019 ба ҳайси декани факултаи «Кори ҳамширагӣ» фаъолият намудааст. Аз соли 2019 то инҷониб дар вазифаи директори муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии клиникии бемориҳои пӯст ва узвҳои таносул» кор мекунад. Оиладор соҳиби 4- фарзанд.

Аз соли 2017 то соли 2020 Гадоев М.А. унвонҷӯи кафедраи дерматовенерологияи МДТ «Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон

ба номи Абӯалӣ ибни Сино» маҳсуб меёфт. Дар ин давра Гадоев М.А. методологияи кор бо беморон, техникаи гузаронидани манипулятсияҳо, хусусиятҳои хоси таҳқиқотҳои иммунологӣ, рентгенологӣ, УЗИ ва дигар методҳои таҷҳизотии таҳқиқотиро муваффақона аз худ намудааст. Маъруф Аҳмадович дар ин давра дар доираи кори диссертатсионии худ ҳаҷми калони корҳои клиникӣ ва илмиро ба иҷро расонд ва ҳамзамон ба таври мустақилона муоинаи беморони бо роҳи алоқаи ҷинсӣ гузаранда дар якҷоягӣ бо сили шушро дар динамикаи беморӣ гузаронида, ҳуҷҷатгузории аввалияи илмиро мураттаб сохта, маълумотҳоро ба пойгоҳи компютерӣ ворид сохтаву таҳлили оморӣ гузаронид.

Дар маҷмуъ дар давраи кор Гадоев М.А. ҳамчун табиби баландихтисоси амалие, ки малакаҳои бойи ҳозиразамони табибӣ ва таҷрибаи хоси касбиро дар худ фаро гирифтааст, ташаккул ёфт. Номбурда дар байни мизоҷон ва ҳамкорон сазовори эҳтироми баланд мебошад. Дар муносибат ба мизоҷон хоксорӣ, дилсӯзӣ ва ҷидият барин хислатҳои ӯ махсусан дар ҳолатҳои вазнини клиникӣ қобили қайд аст.

Тамоман ба назар нарасидани чунин корҳои ҳозиразамони диссертатсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба эътибор гирифта, ба Маъруф Аҳмадович муяссар гаштааст, ки тасаввуротҳои асосиро оид ба омилҳои муайяни сироятҳои урогениталӣ дар беморони гирифтори сили шуш, хусусиятҳои клиникӣ-иммунологии ҷараёни музмин ба шакл даровcovered, арзёбии самаранокии доруи иммуностимуликунандаи тимогарро анҷом диҳад.

Дар асоси гуфтаҳои боло кори илмии Гадоев М.А. барои ҳимояи расмӣ тавсия дода шуда, худи довталаб ба унвони илмии номзади илмҳои тиб арзанда мебошад.

**Роҳбари илмӣ, н.и.т., дотсент** **Саидзода Б.И.**

Имзои/подпись Саидзода Б.И.
ТАСДИҚ МЕНАМОЯМ/ЗАВЕРЯЮ
САРДОРИ БАХШИ КАДРИИ ...
НАЧАЛЬНИК ОТДЕЛА КАДРОВ ...
07 02 2022